Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, ш. Душанбе, к. Ф. Муҳаммадиев 17/6)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзуи "Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 — Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, киёсӣ ва муқоисавӣ**

**Аҳаммияти илмии мавзуи таткиқоти диссертатсионӣ** дар он аст, ки таҳлили ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа дар қисмати наҳви забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, зеро ин мавзуъ дар забоншиносии муосир то ба ҳол ҳалли худро наёфтааст ва дар ин бора андешаҳои гуногун вуҷуд доранд. Аз ҷумла, имрӯз андешае ба вуҷуд омадааст, ки гӯё дар сохтори грамматикаи забони тоҷикӣ ҷумлаи пайрави натиҷа мавҷуд нест. Ин масъала аз ноогоҳии тарафдорони ин андешаи нодуруст ва аз сарчашмаҳои таърихӣ ва таърихи пажуҳиши ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ба миён омада, доман паҳн намудааст. Ба ақидаи муаллиф, таҳлил ва таҳқиқи хусусиятҳои дастурии ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷаи забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор рафта, тавассути баррасии вижагиҳои он паҳлуҳои гуногуни қабатҳои дастурии забонҳои муқоисашавандаро муайян ва мушаххас намудан имконпазир мегардад.

Навгонии илмии таҳқиқот мазкур аз он иборат аст, ки ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа аввалин маротиба дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ дар шакли таҳқиқи алоҳидаи илмӣ қарор гирифтааст.

Бори нахуст вижагиҳои асосии тавсифҳои ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа, сохтор, қолабҳои ҷумласозии онҳо, таснифоти онҳо, хусусиятҳои сохториву маъноӣ, воситаҳои грамматикӣ ва ифодаи тобишҳои гуногуни маъноҳои иловагии ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа дар забонҳои тоҷикиву англисӣ мавриди бахси илмӣ қарор гирифта, фарқияту умумияти онҳо дар муқоиса нишон дода шудааст. Бар замми ин, нақши вазифаҳои синтаксисии пайвандакҳо, воситаҳои ғайрипайвандакии алоқаи ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа бо сарҷумла, вожаҳои ҳамнисбат, интонатсия, сермаъноии ин навъи ҷумлаҳо, тавофути ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа аз дигар навъҳои ҷумлаи пайрав дар забонҳои муқоисашаванда ба риштаи пажуҳиш даромадаанд.

Унвонҷӯ мақсади асосии таҳқиқоти мавзуи пажуҳиширо дар навбати аввал, таҳқиқ, омӯзиш ва таҳлилу муқоисаи хусусиятҳои фарқкунандаи ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа дар забонҳои мавриди таҳқиқ буда, онҳоро аз ҷиҳати сохт

ва мазмуну вазифа омӯхта, мавқеъ ва ҷойи истеъмолии онҳо, мувофиқат ва мутобиқати онҳо бо сарҷумла, тарзи ифода ва воситаҳои грамматикии алоқаи онро бо сарҷумла дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон додан аст.

Диссертасия аз муқаддима 3 боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, 172 саҳифаи чопии компютериро дар бар мегирад.

Ҳар як боби рисола пурра ҳаллу фасл гашта маълумоти муфассалро дар бар мегирад. Дар боби аввал асосҳои назариявии омӯзиши ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикиву англисӣ баррасӣ гаштааст.

Доир ба сарчашмаҳои пайдоиши ҷумлаҳои пайрави ҳол аз ҷумла сабабу натиҷа дар забонҳои қиёсшаванда маълумот пешниҳод шудааст.

Дар боби дуюм масъалаҳои баррасишавандаи мавқеи хусусияти услубӣ, лексикӣ-грамматикӣ, қонуниятҳои мутобиқати воҳидҳои забонӣ дар раванди таҳлил ва тарҷумаи ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷаи тоҷикиву англисӣ, саҳми муҳимми пайвандакҳо, калимаҳои ҳамнисбату интонатсия маълумот дода шудааст, ки дар доираи зербобҳои алоҳида мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Маънои мушаххаси калимаҳои ҳамнисбатро ҷумлаи пайрав муайян сохта, бевосита ба калимаҳои ҳамнисбат алоқаманд мешаванд ва баъдан ба воситаи онҳо сарҷумларо шарҳу тавзеҳ медиҳанд. Ҷумлаҳои пайрави сабабе, ки бар эзоҳи калимаҳои нисбӣ меоянд, дар сарҷумла чун ҳоли сабаб воқеъ мегарданд, аммо ҷумлаҳои пайрави натиҷа калимаҳои ҳамнисбат надоранд.

Ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа алоқаи мураккабтарини байни ҳодисаву воқеаҳо дар забонҳои муқоисашаванда дар боби сеюм таҳлилу баррасӣ гаштааст.

Чӣ тавре, ки дар охири автореферат оварда шудааст, диссертант оид ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф намудааст,ки онҳо мазмуну мухтавои диссертатсияро инъикос карда метавонанд.

Автореферати диссертатсия фарогири мазмуну мӯҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ буда, ба талаботи “Тартиб додани дараҷаи илмӣ”(қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) ва “Дастурамал оид ба расмиятдарории диссертатсия ва дигар маводи илмӣ (фармоиши КОА назди Президенти ҶТ аз 27.12.2024, № 493)” ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои илмии бадастомада ба андешаи мо дар диссертатсия норасоиҳои зерин низ ба мушоҳида мерасад.

1. Диссертант тавонистааст таҳлили басо мураккабро ҳаллу фасл намояд, вале дар автореферат натиҷаи таҳлил дар ҷадвал оварда мешуд, кор ранги дигар мегирифт;
2. Дар матни русии автореферат баъзан хатогиҳои имлоиро дучор омадан мумкин;

Эродҳои дарҷгардида хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши баланди илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намегардонад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Орзузода Парвина дар мавзуи "Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20— Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ кори мустақилона ва анҷомёфта ба шумор рафта, ба талаботи додани дараҷаи илмӣ комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20— Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, киёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Муқарриз: номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калон, мудири кафедраи забонҳи
хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Давлатзода Файзиддин Ҷамил

Суроғаи муқарриз вилояти Хатлон шаҳри Кӯлоб кучаи Ҷ.Алӣ № 75.
**Тел:** 992985891160

"Имзои н.и.ф., муаллими калон, мудири кафедраи забонҳи хориҷии ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Давлатзода Ф.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам":

Сардори РК КМ ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: — Давлатов Миралӣ Абдусамадович

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (833-22) 2-35-06, (833-22) 2-36-26
Факс: (33-22) 2-35-06, www.kgu.tj

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

«28»-уми августи соли 2025